# Маҷлиси Ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Пажуҳиш»-и Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 20 Июл, 2023 - 13:33
[1]

Рӯзи 20-уми июли соли 2023 дар толори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси Ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Пажуҳиш»-и Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаи фаъолияти Ташкилот дар давоми моҳи июни соли 2022 то моҳи июни соли 2023 баргузор гардид.

Дар кори маҷлис раиси Кумита муҳтарам О. Муҳаммадҷонзода, муовини раиси Кумита С. Раҳматуллозода, намояндагони Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ва кормандони Кумита иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни баромад раиси Кумита иброз доштанд, ки Ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Пажуҳиш»-и Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пуштибонӣ аз сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пешбурди корҳои идеологӣ-ҳизбӣ ва фаъолияти пурсамари ҳизбӣ пайваста кушиш намуда, дар роҳи амалисозии ҳадафҳои ҳизб талош меварзад.

Ташкилот аз оғози фаъолият яке аз таблиғкунандаи асосии идеологияи давлатӣ ва дастгирии асосии сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Яке аз омилҳои дар ниҳоди ҷавонон бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ ифтихор доштан аз давлатдории навини худ мебошад.

Ҳамзамон, намояндаи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон зимни суханронии худ фаъолияти Ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Пажуҳиш»-и Кумитаро хуб арзёбӣ намуда, ҷиҳати пешбурди сиёсати пешгирифтаи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон изҳори минатдорӣ намуда, ҷиҳати иҷрои бандҳои қарори Маҷлиси Раёсати Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз 25-уми майи соли 2023, №21 «Дар бораи омодагӣ ва сазовор таҷлил намудани ҷашни 30-солагии Ҳизби халқиии демократии Тоҷикистон» ба масъулони Ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Пажуҳиш»-и Кумита тавсияҳои муфид доданд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Баҳои миёна: 5 (1 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

-

[4]

- 

**Манбаъ::**https://istilohot.tj/tg/content/machlisi-tashkiloti-ibtidoii-khizbii-pazhukhish-i-kumitai-zabon-va-istilokhoti-nazdi?mini=2026-03&page=2

**Пайвандҳо**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/20230727_170656.jpg [2] https://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230727_170806.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230727_170758.jpg